# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ дар мавзуи "Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст

Автореферат ба масъалаи мубрами иқтисодиёти миллӣ-рушди устувори комплекси озуқавории минтақа бахшида шудааст. Дар ҳар марҳилаи рушди таърихӣ, вобаста ба шароити иҷтимоиву иқтисодии мавҷуда, сиёсати давлатии таъмини амнияти озуқаворӣ самтҳо ва шаклҳои гуногуни татбиқро ба худ мегирад. Моҳият ва самти татбиқи ин сиёсат на танҳо аз имкониятҳои иқтисодии кишвар, балки аз андоза ва хусусияти хатарҳою чолишҳое, ки дар роҳи таъмини амнияти озуқаворӣ мавҷуданд, вобаста мебошад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ташаккул ва татбиқи сиёсати озуқаворӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва бахшҳои вобаста ба он маҳсуб меёбад. Ҳадафи асосии ин сиёсат расидан ба сатҳи устувори истиқлолияти озуқаворӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоии босифат ва бехатар мебошад. Дар шароити муосири ҷаҳонӣ, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ бо назардошти таҳдидҳои афзояндаи глобалӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, ноустувории иқтисодӣ ва беэътимодии муҳити геополитикӣ, аҳамияти хос пайдо намуда, зарурати таҳияи як муносибати системавӣ ва ҳамгироиро дар сиёсати озуқаворӣ ба миён мегузорад. Ин вазъ тақозо менамояд, ки масъалаи мазкур дар асоси таҳлили амиқи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирад, то заминаи устувор барои рушди комплекси агроозуқаворӣ ва таъмини амнияти озуқавории миллӣ фароҳам гардад.

Муаллиф тавонистааст, зарурати илмӣ ва амалӣ доштани мавзуъро бо далелҳои возеҳ асоснок созад. Сиёсати озуқаворӣ аз нигоҳи мазмун, аҳамият ва ҳаҷмаш, бо устувории низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи он то андозае аз тавозуни байни иқтидори аграрии минтақа, муҳити институтсионалӣ ва имкониятҳои танзими давлатии бозор вобаста мебошад. Бо ин ҳисоб, таҳияи стратегияҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ бояд бар асоси таҳлили комплексии захираҳои

мавҷуда, инфрасохтор, хусусиятҳои демографӣ ва дурнамои ҳамгироии онҳо бо афзалиятҳои миллии рушди иҷтимоию иқтисодӣ сурат гирад.

Дар автореферати диссертатсия саҳифаи 13, муаллиф асосҳои консептуалии таркиби асосии сиёсати таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ, яъне таъмини аҳолӣ бо озуқавориро пешниҳод кардааст, аз ҷумла:

Якум, давлат бояд дар соҳаи кишоварзии минтақаҳои гуногун сиёсати иқтисодии мутобиқ ба афзалиятҳои ҳар як минтақа тарҳрезӣ ва татбиқ намояд. Яъне, ҷойгиронии истеҳсолоти кишоварзии ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ равонашуда, мувофиқи иқлим, мавҷудияти қувваҳои истеҳсолӣ, ҳамчунин вобаста ба афзалияти мутлақи минтақа ба роҳ монда мешавад, ки самаранокии иқтисодӣ (яъне, ҳавасмандии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ) таъмин шуда бошад.

Дуюм, таъмини амнияти озуқаворӣ на танҳо бо мавҷудияти самтҳои истеҳсолот, балки ба сифат ва таркиби он вобастагии калон дорад. Рушди устувори соҳаи кишоварзӣ бо истифодаи оқилонаи омилҳои истеҳсолот ва самтгирии он ба истеҳсоли маҳсулоти софи экологӣ, ҳамчунин бо тадбиқи сиёсати ҳифзи ҳолати табиии омили асосии соҳа, яъне замин равона карда мешавад.

Дар аснодҳои мавҷуда докторант қайд менамояд, ки рушди бозори озуқаворӣ бо худ самтгирии иқтисоди сабз ва мутобиқшавӣ ба шароити муосири иқлиму табиат, махсусан, вақте ки тағйирёбии иқлим дар минтақаҳо эҳсос мешавад, дар бар мегирад. Имрӯзҳо соҳаи кишоварзӣ ва комплекси озуқаворӣ бо баробари дигар соҳаҳо, дар раванди тағйирёбии технологӣ зери таъсири прогресси илмӣ-техникии муосир қарор дорад, ки ин ба ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот, ба сатҳи интенсивнокии он таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Аммо бо вуҷуди ин таҳдидҳо дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди соҳаҳои озуқавории иқтисодиёти минтақа то ҳол аз байн нарафтаанд. Рушди устувори комплекси озуқавории минтақавӣ метавонад тахти таъсири маҷмӯи омилҳои муҳими беруна ва дохилӣ қарор гирад, ки онҳо маҳз аз тағйирёбиҳои глобалии иқлим, норасоии об дар минтақаҳо, паҳншавии бемориҳои гуногуни зироатҳо ва чорво ва ғайра бар меоянд.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, муаллиф мақсаду вазифаҳои кори диссертатсиониро дуруст тарҳрезӣ намудааст. Лекин, дар рафти иҷрои вазифаҳои кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо аз ҷумла, рушди бозори озуқаворӣ, тиҷорати электронӣ, ки дар шароити рушди иқтисоди

рақамӣ аҳаммияти афзоянда доранд, таваҷҷӯҳи хоса дода мешуд моҳиятан пурарзиш мегардид. Бо вуҷуди ин, камбудии мазкур моҳиятан ҷиддӣ набуда, ба арзиши илмӣ ва амалӣ доштаи таҳқиқот таъсири ҳалкунанда намерасонанд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти илмии муҳаққиқ Ҳакимзода М.М. ба таври умумӣ арзёбии мусбатро сазовор буда, натиҷаҳои бадастомада дорои хусусияти навгонии илмӣ ва аҳаммияти назаррас барои такомули минбаъдаи ташаккулу рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа ва ҳамчунин барои истифодаи пешниҳоду тавсияҳо дар ғанӣ гардонидани пойгоҳи таҳқиқотиву фаъолияти муаасисаҳои олии педагогӣ аҳамияти воқеӣ дошта метавонанд.

Автореферати диссертатсияи Ҳакимзода М.М. ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
Ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии
Тоҷикистон Маҳмадалӣ Б. Н.

Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бӯстон, кӯчаи А.Баротов, бинои 6
Тел: (+9923451) 5 – 02 – 89
E-mail: http://www.gmit.tj/

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Муминова Д.М.

Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бӯстон, кӯчаи А. Баротов, 6
Тел/факс: +992 (3451) 5 – 06 – 34
E-mail: gmit_tajikistan@mail.ru

«10» октябри соли 2025